# ВНМО (ВИЧ) – инфексия

г. Ханты-Мансийск, 2019 г.

18+

## ВНМО (ВИЧ) – ин вируси норасоии масунияти одам

Вирус системаи масуниятро, ки вучуди инсонро аз хама гуна сироят эмин нигох медорад, заиф мегардонад. ВНМО (ВИЧ) ва системаи масунияти инсон зарар мерасонад ва иллатнок месозад. Одамони бо ВНМО (ВИЧ) зиндагикунандаро, инчунин ВНМО мусби (ВНМО+), ё ин ки мубталои ВНМО меноманд.

## БПНМ (СПИД) – ин бемории пайдо шудани норасоии масуният

Инсон хангоми заиф гардидани системаи масуният тобовари ба хама гуна беморихо, аз луоби беморони сироятиро аз даст медихад (мисол, бемории сил, илтихоби шуш (пневмония)). Чунин сироятхоро «оппортунисти» меноманд ва онхо хангоме авч мегиранд, ки системаи масунияти инсон заиф гардида, наметавонад нисбати барангезандаи чунин бемори муќобилият нишон дихад. Хангоме, ки дар инсони мубталои ВНМО (ВИЧ) масунияти бадан то як сатахи муаіян паст гардад ва/ё ў ба як ё якчанд беморихои оппортунисти гирифтор мешавад, ўро гирифтори бемории пайдошудаи норасонии масуният (БПНМ) меноманд.

## Вируси норасоии масунияти одам чи тарз интиќол меёбад?

ВНМО (ВИЧ) тавассути хун, мани (нуфта), тарашшухоти махбал, шири модар интиќол меёбад.

ВНМО (ВИЧ) тавассути дигар моеъхои чудошаванда (оби дахон, араќи бадан, ашк, пешоб ва начосат) интиќол намеёбад.

## ВНМО (ВИЧ) метавонад дар холатхои зайл интиќол ёбад:

- хангоми якчоя ё такроран истифода бурдани сўзан, сўзандору, тачхизоти тазриќии тамъизнашуда (ѓайристерили);
- хангоми алоќаи чинсии хифзнашуда (бе воситахои пешгирикунанда, рифола (презерватив));
- хангоми истифодаи асбоби риштароши ё дандоншўии шахси бегона, ки дорои боќимондахои хун мебошад;
- аз модари мубталои ВНМО (ВИЧ) ба кўдак хангоми хомиладори, таваллуд ё хангоми синамакони;
- хангоми истифодаи тачхизоти тамъизнашуда барои вашм (холкўби) ва ё сўрох кардани пўст (татуировка).

Хатари сироят тавассути алоќаи чинси, хангоми мавчудияти беморихои гинекологи ва беморихои сироятии чинси афзоиш меёбад.

*Холатхои мубталои ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО (ВИЧ)) дар Чумхурии Точикистон аксар дар байни истеъмолкунандагони маводи нашъаовари тазриќи ба мушохида мерасад.*

Ба ѓайр аз хатари мубталои ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО (ВИЧ)) ва дигар беморихои сирояти истеъмоли маводи нашъаовар метавонад боиси сар задани дигар мушкилот гардад. Ба таври мисол:

- шахсе, ки маводи нашъаоварро истеъмол мекунад, заифу нотавон гардида, муоличаи ў аз бисёр беморихо, аз чумла бемории сил, сирояти пўст нихоят душвор аст. Онхое, ки маводи нашъаоварро истеъмол мекунанд, дандонхояшон зуд вайрон шуда, узвхои дохилаашон мунтазам хуб кор намекунад;
- маводи нашъаовар аксар боиси низоъу мунокиша гардида, шумо метавонед дар натича тобею мўбталои шахси дигар бошед ва ў ба шумо фишор оварда, шартхои худро пеш мегузорад, ба ичрои ин ё он амал мачбур месозад. Вобаста ба ин муносибати шумо бо атрофиён метавонад ба таври манфи таѓйир ёбад.

## ВНМО (ВИЧ) – дар холатхои зерин интиќол намеёбад:

- фушурдани даст, ба оѓўш кашидан ва бўсидан;
- сулфа ва атса задан;
- тахияи таом ва истеъмоли он;
- истифода аз зарфи умуми, асбобу анчоми ошпазхона, сачоќ ё чойгахи хоб;
- исфодаи ташноб (хочатхона) ва душ барои оббози;
- машѓулияти оммави ба варзиш ва тарбияи чисмони; - дар як бино ќарор доштан бо шахси мубталои вируси норасоии масунияти одам (ВНМО (ВИЧ)); - газидани хашарот ва хайвонот.

## Чи тавр метавон вируси норасии масунияти одамро ошкор кард?

Ягона усуле, ки тавассути он метавон мавчудияти вируси норасоии масунияти одамро ошкор кард, ин супоридани хун барои муоина мебошад.

## *«Давраи нихони» чи маъни дорад?*

Барои хосил намудани моддахои бегона дар вучуди инсон аз ду хафта то се мох (дар баъзе холатхо то шаш мох) зурур аст, ки бо рохи ташхиси хун ошкор намудани онхо имконпазир шавад. Ин мўхлат «давраи нихони» ном гирифтааст. Ташхис дар ин муддат метавонад натичаи манфи дихад. Аз ин рў баъди се мох бояд ташхиси такрори анчом дода шавад. Дар «давраи нихони» хун, мани, тарашшухоти махбал ва шири шахси мубталои вируси норасоии масунияти одам (ВНМО (ВИЧ)) дорои миќдори кофии вирус мебошад, ки метавонад ба дигар одамон сироят кунад.

## *Чи тавр метавон сироятро пешгири намуд?*

- бояд аз истеъмоли маводи нашъаовар ё истифодаи маводи нашъадори тазриќи даст кашид;
- набояд аз сўзан, сўзандору ва/ё тачхизоти дигари тазриќии тамъизнашуда истифода бурд;
- хангоми алоќхои чинси бояд аз воситахои пешгирикунанда (рифола) истифода бурда шавад;
- барои холкўби ё сўрох кардани пўст бояд тачхизоти тамъизшуда истифода бурда шавад;
- бояд аз робитаи мустаќим бо хун ва маводи дорои нишонахои олудаги бо хун худдори кард;
- бояд танхо аз воситахои гигиенаи шахси ё нав харидашуда (асбоби риштароши, дандоншуи) истифода намуд.

## *Муоличаи бемории вируси норасоии масунияти одам (ВНМО (ВИЧ))*

Ханўз муоличаи пурраи ВНМО ва БПНМ (ВИЧ ва СПИД) (Вируси норасоии масунияти одам ва Бемории пайдошудаи норасоии масунияти инсон) имконнопазир аст, вале дорухои махсусе мавчуданд, ки метавонанд фаъолнокии вирус, инчунин зараре, ки он ба системаи масунияти инсон мерасонад, боздоранд ва ба хурўч ва гузариш ба дарачаи БПНМ (СПИД) монеъ шаванд. Дар натича умри инсон солхои тўлони давом хохад ёфт.

**Инчунин бисёр доруворихои самарабахши дигар мавчуданд, ки бо кўмаки онхо метавон аксари беморихои оппортунистиро пешгири ё муолича намуд.**

Бо вучуди мубталои ба вируси норасоии масунияти одам (ВНМО (ВИЧ)) зиндаги идома дорад ва давомнокию сифати умри инсон аз бисёр чихат ба худи шахсони мубталои ВНМО (ВИЧ) вобаста аст.

Истеъмоли маводи нашъаовар метавонад боиси ба таври назаррас паст гардидани давомнокии умри шахси мубталои ВНМО (ВИЧ) гардад. Аз ин рў дар чунин холат даст кашидан аз истеъмоли маводи нашъадор иќдоми нихоят мухим ва сариваќти мебошад. Ин амал ба инсон имконият медихад, ки солхои тўлони саломатии худро нигох дорад ва хушбахтона умр ба сар барад.

## Адреса и телефоны КУ «Центр СПИД» в ХМАО – Югре:

### ХАНТЫ-МАНСИЙСК

**КУ «Центр профилактики и борьбы со СПИД», ул. Гагарина, д. 106, корпус 2**
**телефон по ВИЧ/СПИДу 8 (3467) 33-09-09**

**Маркази мубориза ва Ташхиси СПИД дар ш. Ханты-Мансийск Кучаи Гагарин, 106, к. 2**
**тел. 8(3467) 33-09-09**

### СУРГУТ

**КУ «Центр СПИД». Филиал в городе Сургуте, ул. Геологическая, д. 18**
**телефон по ВИЧ/СПИДу 8 (3462) 25-07-89**

### НИЖНЕВАРТОВСК

**КУ «Центр СПИД». Филиал в городе, Нижневартовске, ул. Спортивная, д. 19**
**телефон по ВИЧ/СПИДу 8 (3466) 43-30-30**

### ПЫТЬ-ЯХ

**КУ «Центр СПИД». Филиал в городе Пыть-Яхе, 8 мкр., ул. Православная, д. 10**
**телефон по ВИЧ/СПИДу 8 (3463) 42-83-62**

Дополнительная информация на сайте:
**www.aids-86.info**

**Издано:** КУ «Центр СПИД», ул. Гагарина, 106, корпус 2, тел. 8 (3467) 33-13-21, в 2019 году. **Составитель:** заведующий отделом профилактики – врач-методист – Новоженова А.Н. **Перевод:** Сафаров Умарбег Усмонович. **Отпечатано:** ООО «АТгрупп», г. Екатеринбург, Сибирский тракт, 12/3, оф. 102, тел. 8-804-555-12-10, www.atgroup-ekb.ru. **Тираж:** 10 000 экз.